**Тақризи**
**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии Аҳадов Исматилло Қаюмович аз он бармеояд, ки идоракунии дороиҳои бонкӣ дар ҳама шароит яке аз масъалаҳои асосии идоракунии бонкӣ буда, аҳамияти он дар таъмини даромаднокӣ ва нигаҳдории ҳолати молиявии бонки тиҷоратӣ зиёд мебошад. Аз ин лиҳоз, усулҳо ва равишҳои идоракунии дороиҳои бонкиро бо дарназардошти тамоми манфиатҳои иқтисодие, ки тавассути фаъолияти бонкӣ амалӣ мешаванд, қаблан муайян намудан шарти зарурист.

Аҳадов Исматилло Қаюмович соли 2010 Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Аз соли 2012 то соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯйи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон буд. Диссертатсия дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28-уми сентябри соли соли 2018, суратҷаласаи №2/4.13 тасдиқ гардидааст.

Солҳои 2010-2012 ҳамчун ассистенти кафедраи молия ва андози Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ва солҳои 2012-2013 ассистенти кафедраи молияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз моҳи феврали солҳои 2013-2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва 2018-2022 ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2022 ҳамчун муаллими калони кафедраи номбурда буда, то ҳол ба донишҷӯён таълими илм медиҳад.

Дар вакти анҷоми таҳқиқотҳои илмӣ дар самти мавзуи худ ва ҷараёни таълим ба донишҷӯён ӯ ҳамчун таҳқиқгари поквиҷдону ҷиддӣ ва дорои малакаи баланди илмӣ худро муаррифӣ намуда, дар ҷараёни иҷрои корҳои илмиву таҳқикотӣ ва таҳияи китобу васоитҳои таълимӣ мсъулияти баланд зоҳир намуд. Инчунин уҳдадориҳои бадӯшдоштаашро дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ ҳамчун таҳқиқгар саривакт иҷро менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои ба ин самт вобастабуда Аҳадов Исматилло Қаюмович ҷиҳати фарогирии васеи илмӣ дар самти худ зиёда аз 17 мақолаҳои илмӣ, 2 васоити таълимӣ ва 1 китоби дарсӣ нашр ва ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудааст.

Қобили зикр аст кори илмӣ натиҷаи таҳқиқотҳои чандинсолаи гузаронидаи илмӣ-амалии муаллиф дар ҷанбаҳои гуногуни идоракунии дороиҳои бонки тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад.

Вобаста ба натиҷаҳои бадастомада ва аз таҳлилҳои диссертатсия бар меояд, ки таҳқиқоти анҷомшуда дар самти такмили низоми идоракунии дороиҳои бонки тиҷоратӣ ва коҳиш додани хавфҳои вобаста аҳамияти баланди илмию амалӣ дошта, мубрамияти таҳқиқоти илмиро тасдиқ менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дорад, инчунин мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардидааст ва пешниҳоду таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд.

Кори илмӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ, сатҳу омӯзиши мушкилоти такмили механизми идоранамоии дороиҳои бонкӣ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян ва ҷанбаҳои асосии навгонии илмӣ, масъалаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои ҳимояшаванда дар сатҳи назариявию амалӣ асоснок карда шудаанд.

**Дар боби аввал** асосҳои назариявии низоми бонкӣ, бонк, дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии дороиҳои бонкӣ, заминаҳои институтсионалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар замони муосир, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии дороиҳои бонкӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Дар боби дуюми** диссертатсия бошад, масъалаҳои равандҳои идоракунии дороиҳои бонкӣ ва баҳодиҳии сифати дороиҳо дар шароити муосир, баҳодиҳии динамикии идоракунии самараноки дороиҳои бонкӣ, арзёбии хавфҳои муосири низоми бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати дороиҳо мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

**Дар боби сеюми** диссертатсия масъалаҳои актуалии ташаккули дороиҳои бонкӣ дар шароити баланд гардидани талабот ба рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳои имконпазирикам намудани хавфи пастравии сифати дороиҳои бонкӣ дар

шароити номувозинатии иқтисодиёт, таҳлили хавфи дороиҳои бонкӣ ва дарёфти роҳҳои имконпазири кам намудани он дар шароити имрӯза таҳқиқ гардидааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас таҳия гардидаанд, ки истифодаи онҳо дар таҷрибаи идоранамоии дороиҳои бонкӣ дар низоми бонкии мамлакат ва тавсеа ёфтани дороиҳои бонкӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҷараёни амалии натиҷаҳои диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович аз муайян кардани самаранокии дороиҳои бонкӣ иборат аст, ки барои зиёд шудани даромаднокии дороиҳои бонкҳо мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмию амалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ тариқи мақолаву маърӯзаҳо муҳокима карда шуда, баҳои мусбат гирифтаанд.

Муаллиф дар тавсеаи назарияи бонкдорӣ, дороиҳои бонкӣ ва механизмҳои идоранамоии дороиҳои бонкӣ саҳми муайян гузоштааст. Дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташаккули дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии онҳо, ки аз хусусиятҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ноустувории молиявии ҷаҳонӣ бармеоянд, омилҳо ва механизмҳои асосии таъмини устувории дороиҳои бонкии кишвар муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия пешниҳоду таҳлилҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи мақомоту идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин пешниҳоду таҳлилҳои нишондодашуда метавонанд дар сатҳи зарурӣ ба рушди ҳаматарафаи низоми бонкӣ мусоидат намоянд.

Рисолаи номзадии Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** Хайрзода Ш.Қ.

**Имзои Хайрзода Ш.Қ. - ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД Асадуллоева Д.
Ҷ.М.
30.08.2022
(сана)